# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

Мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалисозии Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021- 2025-ро дар доираи маблағҳои ҳамасола барои соҳаи тандурустӣ дар буҷети давлатӣ пешбинишуда ва дигар маблағҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, таъмин сохта, ҳар семоҳа ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чараёни иҷрои он маълумот пешниҳод намоянд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи чараёни иҷрои барномаи мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола то 20 декабр маълумот пешниҳод намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 27 феврали соли 2021, № 51

ш. Душанбе

Замимаи 1

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз 27 феврали соли 2021, № 51

Барномаи миллии иммунопрофилактика дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд - Барнома) бо мақсади таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолии кишвар, пешгирии пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда, устувор нигоҳ доштани мақоми давлати озод аз бемории фалаҷ, баланд бардоштани дастрасӣ, сифатнокӣ ва самаранокии хизматрасониҳои тиббӣ, беҳтар намудани саломатии модар ва кӯдак, таъмини дарозумрии аҳолӣ ва пурзӯр намудани кумаки аввалияи тиббию санитарӣ таҳия шудааст.

2. Дар Барномаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- иммунопрофилактика - усули муҳофизати инфиродӣ ё оммавии аҳолӣ аз бемориҳои сироятӣ бо роҳи ташаккули масунияти сунъӣ;

- иммунизатсия - раванде, ки тавассути он шахс масуниятро бар зидди бемориҳои сироятӣ бо роҳи гузаронидани ваксина пайдо мекунад;

- қобилияти иммуногенӣ - қобилияти пайдо намудани масуният бар зидди бемориҳои сироятӣ;

- сессияи иммунизатсионӣ - ҷараёни гузаронидани иммунизатсия;

- иммунизатсияи нақшавӣ - гузаронидани иммунизатсия тибқи тақвими миллӣ;

- ваксина - маводи тиббии иммунобиологие, ки барои пайдо намудани масуният бар зидди бемориҳои сироятӣ истифода мешавад;

- воя - миқдори муайяни ваксина, ки барои иммунизатсия истифода мешавад;

- тақвими миллии иммунизатсия – ҳуҷҷатест, ки мухлат ва тартиботи ба аҳолӣ гузарондани иммунизатсияро муқаррар мекунад;

- занҷири хунукитаъминкунанда - системаи таъминкунандаи шароити зарурӣ барои нигоҳдорӣ ва интиқоли маводи иммунобиологӣ аз муассисаи истеҳсолкунанда то иммунизатсиягиранда;

- элиминатсия - қатъ намудани гардиши вируси маҳаллӣ ё ба сифр расонидани миқдори ҳодисаҳои муайяни бемориҳои сироятӣ дар минтақаи муайяни ҷуғрофӣ;

- ликвидатсия - маҳви глобалии ҳодисаҳои беморӣ тавассути қатъи гардиши вирусҳо;

- верификатсия - тасдиқи расмӣ;

- ҳодисаи эндемикӣ - ҳодисаи бемории сироятие, ки бо тариқи озмоишгоҳӣ тасдиқ шудааст ё алоқамандии эпидемиологӣ дорад ва дар натиҷаи интиқоли эндемикии сироят ба амал меояд;

- интиқоли эндемикӣ - интиқоли мунтазами сироят дар минтақаи муайяни ҷуғрофӣ;

- ҳодисаи аз ҷиҳати эпидемиологӣ алоқаманд - ҳодисаи эҳтимолии бемории сироятие, ки бо шахси ба тариқи озмоишгоҳӣ ба ин бемории сироятӣ тасдиқшуда то пайдошавии аломатҳои клиникӣ дар алоқа будааст, аммо ташхиси дахлдори озмоишгоҳиро нагузаштааст;

- рота – ваксина бар зидди сирояти ротавирусӣ.

3. Бо мақсади амалигардонии Барномаи мазкур иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ мегардад:

- нигоҳ доштани мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати озод аз бемории фалаҷ;

- нигоҳ доштани мақоми кишвар бо элиминатсияи сурхча (пешгирии гардиши вируси маҳаллии сурхча), элиминатсияи гулафшон (пешгирии гардиши вируси маҳаллии гулафшон);

- пешгирии алоими гулафшони модарзодӣ байни кӯдакони зиндатаваллудшуда;

- роҳ надодан ба пайдоиш ва паҳншавии ҳодисаҳои бемории гулӯзиндонак дар байни аҳолӣ;

- паст намудани сатҳи бемории кабудсулфа дар байни аҳолӣ;

- пешгирии сироятёбии гепатити В байни кӯдакони хурдсол;

- роҳ надодан ба хатогиҳои барномавии кормандони тиб, ки боиси рух додани ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия мегардад;

- такмил додани донишу малакаи кормандони соҳаи тибби ба иммунизатсия вобасташуда бо роҳи гузаронидани омӯзишҳои даврии ҳарсола оид ба масъалаҳои иммунопрофилактика;

- ҷорӣ намудани навовариҳои соҳаи иммунопрофилактика дар барномаҳои таълимӣ барои кормандони тиб.

4. Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳо стратегияҳои асосӣ муайян карда шудаанд:

- ноил шудан ба сатҳи баланди масъулияти миллӣ барои таъмини эҳтиёҷоти кишвар бо кормандони баландихтисоси тиббӣ ва захираҳои моддии зарурӣ барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда;

- ноил шудан ба афзоиш ва нигоҳдории устувори сатҳи баланди фарогирии иммунизатсияи нақшавӣ (≥95%) бо вояҳои тасдиқшудаи ваксинаи зидди фалаҷ (ваксинаи ба тариқи даҳон гузаронидашаванда ва ғайрифаъолкардашуда), як вояи ваксинаи зидди бемории сил, ду вояи ваксинаи сурхча -баногӯшак - гулафшон, чор вояи ваксинаи зидди гепатити В, чор вояи ваксинаи зидди бемориҳои кабудсулфа, гулӯзиндонак, кузоз ва сирояти гемофилии шакли b, ду вояи ваксинаи зидди сирояти ротавирусӣ, се вояи ваксинаи зидди сирояти пневмококкӣ, дар муҳлатҳои қатъӣ муайяншуда, ки мувофиқи тақвими миллии иммунизатсия аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст;

- иммунизатсияи нопурраи кӯдакони синни то 1-сола аз соли 2021 то соли 2025 бо вояҳои якум ва сеюми ваксинаи зидди бемориҳои кабудсулфа, гулӯзиндонак ва кузоз, гепатити В ва сирояти гемофилии шакли b, инчунин вояҳои якум ва сеюми ваксинаи даҳонии зидди бемории фалаҷ бояд дар ҳамаи шабакаҳои муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ на беш аз 5 фоизро ташкил диҳад;

- устувор намудани барномаи иммунизатсияи нақшавӣ бар зидди бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда, бо роҳи тақвияти ҷузъҳои асосии инфрасохтори мавҷудбудаи иммунопрофилактика;

- беҳтар намудани системаи занҷири хунукитаъминкунанда дар ҳама сатҳҳои нигоҳдории ваксинаҳо;

- баланд бардоштани бехатарӣ ва самаранокии иммунизатсия;

- коркарди системаи мониторинги фарогирии иммунизатсия бо мақсади кам кардани шумораи кӯдаконе, ки курси пурраи иммунизатсияро ба анҷом нарасонидаанд;

- кам кардани сатҳи имконниятҳои аз даст дода ва шумораи нишондодҳои бардурӯғ барои иммунизатсия;

- таълими иловагии мутахассисон ва рушди системаи иттилоотӣ, инчунин коркарди маводи таълимӣ ва низоми робита бо ҷомеа;

- истифодаи чорабиниҳои иловагии иммунизатсионӣ (иммунизатсияи маҳдуд дар манбаъҳои бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда);

- тақвияти низоми назорати эпидемиологӣ аз рӯи бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда аз ҳисоби гузаронидани тафтишоти мукаммал ва тасдиқи озмоишгоҳии тамоми ҳодисаҳои гумонбаршуда;

- дар ҳолати ворид шудани вируси фалаҷ аз дигар давлатҳо, таъмин намудани дарёфти саривақтии ҳодиса, андешидани чораҳои зиддиэпидемиологии дахлдор ва пешгирӣ намудани гардиши вирус;

- ворид намудани назорати эпидемиологӣ аз рӯи ҳолатҳои номатлуби баъди иммунизатсия бавуқӯъомада дар барномаи таълимии назорати эпидемиологӣ аз болои бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда байни кормандони шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ;

- беҳтар намудани дастрасӣ ба маълумоти сифатнок ва дақиқ оид ба афзалият ва хатарҳо вобаста ба иммунизатсияи бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда, барои кормандони тиб ва аҳолӣ, дар якҷоягӣ бо кормандони соҳаи маориф, иттиҳодияҳои динӣ, воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, табибони оилавӣ, кормандони миёнаи тиб ва фаъолони касбии омӯзонидашуда дар соҳаи тандурустӣ;

- гузаронидани мониторинг ва баҳодиҳии самтҳои асосии Барнома.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

5. Бо мақсади пешгирӣ намудани бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда дар ҷумҳурӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №456 Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 тасдиқ гардида, дар рафти амалисозии он шароити мусоид барои муайян намудани омилҳои таъсиррасонанда ҷиҳати паст кардани сатҳи фарогирии иммунизатсияи аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ муҳаё гардид.

6. Барои амалигардонии Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҷалби маблағҳо аз ҳамаи сарчашмаҳои молиявӣ ба андозаи 34,8 миллион доллари ИМА пешбинӣ гардида буд, ки аз ин ҳамагӣ 28,9 миллион доллари ИМА таъмин гардида, ин 83,3 фоизи нишондиҳандаи нақшавиро ташкил медиҳад. Ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ ва маблағҳои соҳаи мазкур, яке аз омилҳои таъсиррасонанда дар самти пешгирӣ аз пайдоиши бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда мебошад.

7. Дар марҳилаи иҷрои Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 як қатор корҳои соҳавӣ ба анҷом расонида шудааст, аз ҷумла:

- дар ин давра ҷумҳурӣ ба яке аз ҳадафҳои асосии Барнома – устувор нигоҳ доштани сатҳи баланди фарогирии иммунизатсияи нақшавӣ, яъне фарогирӣ зиёда аз 95 фоизро ноил гардид, ҳамин тавр, ташкил ва гузаронидани ду даври рӯзҳои маҳдуди иммунизатсия бар зидди бемории фалаҷ, мониторингҳои ҷараёни амалисозии Барномаи миллии иммунопрофилактика дар 1572 шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, мониторинги дастгирии сарпарастӣ дар 861 муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ, коркард, нашр ва дастрас гардонидани зиёда аз 6 дастурамалу тартиб оид ба коргузории соҳаи иммунопрофилактика ба кормандони соҳаи тиб, ташкил ва гузаронидани зиёда аз 10 семинарҳои омӯзишии даврӣ оид ба ташкили хизматрасонии иммунизатсия, иваз намудани ваксинаи севалентаи зидди бемории фалаҷ ба ваксинаи дувалентаи зидди бемории фалаҷ, ворид намудани ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди бемории фалаҷ ва иваз намудани ваксинаи сурхча-гулафшон ба ваксинаи сурхча-баногӯшак-гулафшон;

- илова бар ин, 31 воситаи нақлиёт, аз ҷумла, 20 воситаи нақлиёти сабукрав, 11 нақлиёти боркаш бо яхдон таҷҳизонидашуда (рефрижератор) барои интиқоли ваксинаҳо ва маводи иммунизатсионӣ, 883 яхдони махсус, 883 стабилизатори шиддат, 66 яхчол, 542 дастгоҳи электронии ҳароратсанҷи FridgeTag, 2 танзимкунандаи барқ, 8 дастгоҳи назорати дистансионии барқ, 5 генератор, 1170 термоконтейнерҳо, 1500 ҷузвадони ҳароратӣ, 40782 яхқуттӣ, 3000 индикатори яхҳискунанда харидорӣ шуда, ба як қатор муассисаҳои тиббии ба иммунизатсия вобастабуда дастрас гардиданд.

8. Аз рӯи маълумоти расмии ҳисоботи оморӣ оид ба иммунизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми даҳ соли гузашта, сатҳи баланди фарогирии иммунизатсия бар зидди бемориҳои кабудсулфа, гулӯзиндонак, кузоз, сирояти гемофилии шакли b, фалаҷ, сурхча, гулафшон, сил ва гепатити В ба даст оварда шуда, нигоҳ дошта мешаванд.

9. Дар солҳои охир ҳодисаҳои бемории фалаҷ дар кишвар ба қайд гирифта нашудааст, ки ин бевосита собит менамояд, ки чорабиниҳо барои тасдиқи мақоми ҷумҳурӣ ҳамчун давлати озод аз бемории фалаҷ дуруст ба роҳ монда шудааст. Аммо, хатари ворид шудани вируси фалаҷи ёбоӣ ба ҷумҳурӣ то ҳол мавҷуд аст. Гардиши вируси ёбоии фалаҷи навъи 1 дар кишварҳои эндемикии бемории фалаҷ, ба мисли Афғонистону Покистон идома дорад.

10. Дар моҳи апрели соли 2016 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар давлатҳои ҷаҳон аз истифодабарии ваксинаи севалентаи зидди бемории фалаҷ, ки бо тариқи даҳон гузаронида мешавад (ВсДБФ), ба истифодабарии ваксинаи дувалентаи зидди ин беморӣ (ВдДБФ) гузашт. Аз моҳи июни соли 2018 дар ҷумҳурӣ истифодабарии ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди бемории фалаҷ, ки бо тариқи сӯзандору гузаронида мешавад (ВҒБФ), оғоз гардид. Ваксинаи ВҒБФ ба тақвими миллии иммунизатсия ҳанӯз дар соли 2014 ворид карда шуда буд, аммо бо сабаби ҷой доштани маҳдудияти ҷаҳонӣ дар истеҳсолкунии ВҒБФ, таъминоти ваксина ба

ҷумҳурӣ то соли 2018 мавқуф гузошта шуд. Дар давраи гузариш аз истифодабарии ваксинаи севалентаи зидди беморӣи фалаҷ, ки бо тариқи даҳон гузаронида мешавад (ВсДБФ), ба ваксинаи дувалентаи зидди беморӣи фалаҷ, ки бо тариқи даҳон гузаронида мешавад (ВдДБФ), то воридкунии ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди беморӣи фалаҷ, ки бо тариқи сӯзандору гузаронида мешавад (ВҒБФ), гурӯҳи муайяни кӯдаконе ҷамъ шуданд, ки бидуни масуният бар зидди полиовируси намуди 2 боқӣ монданд. Бо мақсади фарогирии кӯдаконе, ки ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди беморӣи фалаҷ (ВҒБФ)-ро, ки бо тариқи сӯзандору гузаронида мешавад, нагирифтаанд, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидани чорабинии оммавиро зидди беморӣи фалаҷ бо истифода аз ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди беморӣи фалаҷ (ВҒБФ), ки бо тариқи сӯзандору гузаронида мешавад, ба нақша гирифтааст.

11. Дар ҷумҳурӣ нишондоди индикатории дарёфти ҳодисаҳои фалаҷи шадиди суст ≥2 ҳодиса ба 100000 кӯдакони то 15-сола ба даст оварда шудааст.

12. Дар аввали соли 2017 дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бақайдгирии гумонбаршудагон ба беморӣи сурхча рӯ ба афзоиш овард. Дар ин давра 813 гумонбаршуда ба беморӣи сурхча ба қайд гирифта шуд. Аз ин теъдод, 250 нафар бо тариқи озмоишгоҳӣ ба беморӣи сурхча тасдиқ гардид. Дар 404 нафари дигар беморӣи сурхча бо роҳи мавҷуд будани алоқаи эпидемиологӣ бо ҳодисаи тариқи озмоишгоҳӣ тасдиқшудаи беморӣи сурхча синфбандӣ шудаанд. Бо шарофати сари вақт гузаронидани чорабиниҳои самараноки зиддиэпидемикӣ ва рӯзҳои иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемориҳои сурхча ва гулафшон, гардиши вируси сурхча қатъ гардид. Давоми солҳои 2018-2019 дар ҳудуди ҷумҳурӣ беморӣи сурхча ба қайд гирифта нашуда буд.

13. Дар давоми нимсолаи аввали соли 2020 168 ҳодисаи воридшудаи беморӣи сурхча ба қайд гирифта шуд. Ҳангоми вокуниши саривақтӣ ва гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ паҳншавии ин беморӣ ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ пешгирӣ карда шуд. Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда, айни замон вазъи эпидемиологии беморӣи сурхча дар сатҳи ҷумҳурӣ муътадил гардидааст.

14. Бо хулосаи Комиссияи минтақавии верификатсионии Бюрои минтақавии аврупоии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба элиминатсияи сурхча ва гулафшон, давоми солҳои 2016-2019 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон элиминатсияи сурхча ба даст оварда шуд. Ба ин дастовард нигоҳ накарда, муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ бо мақсади ба даст овардани далелҳои тасдиқи элиминатсияи сурхча бояд ҳамаи тадбирҳоро вобаста ба ташкил ва гузаронидани сифати баланди назорати эпидемиологӣ давом диҳанд:

- дарёфти ≥2 ҳодисаи ба таври озмоишгоҳӣ манфии беморӣи сурхча дар минтақаҳои ба 100000 нафар аҳолӣ, инчунин дар минтақаҳои аҳолинишини бо шумораи камтари аҳолӣ мувофиқи нишондодҳои ба он муносиб;
- сатҳи баланди фарогирии иммунизатсия бо 2 вояи ваксинаи сурхча-баногӯшак - гулафшон ≥ 95 фоиз дар ҳама сатҳҳо (ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва муассисаҳои тиббӣ).

15. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020 аз беморӣи гулафшон озод буд.

16. Назорати эпидемиологӣ аз рӯи беморӣи гулафшон дар якҷоягӣ бо назорати эпидемиологӣ аз рӯи сурхча гузаронида мешавад ва мисли пештара такмилдиҳии минбаъдаро бо истифодаи ташхисҳои озмоишгоҳии тамоми беморone, ки доначаҳои ба беморӣи гулафшон монандӣ доранд, талаб мекунад. Назорати эпидемиологӣ аз рӯи беморӣи гулафшон пеш аз ҳама барои пешгирии алоими гулафшони модарзодӣ пешбинӣ шудааст, ки он дар ҷумҳурӣ аз соли 2000 то ин замон умуман ба қайд гирифта нашудааст.

17. Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ҳисоботи расмии оморӣ «Дар бораи бақайдгирии бемориҳои сироятӣ ва паразитӣ» аз соли 2008 то 2020 ҳамчун давлати

озод аз бемории гулӯзиндонак ба ҳисоб меравад. Аммо, ба қайд нагирифтани ҳодисаҳои бемории гулӯзиндонак ба исботи таъсирнопазирии баланди аҳолӣ нисбат ба ин беморӣ тақвият дода нашудааст, чунки иммунизатсияи нақшавӣ дар байни аҳолии синнашон 16, 26, 36, 46 ва 56 бо сабаби нарасидани маблағҳо гузаронида намешавад, ки ба паст шудани масунияти аҳолӣ ба ин беморӣ оварда мерасонад.

18. Дар солҳои 2016-2020 ягон ҳодисаи бемории гулӯзиндонак ба қайд гирифта нашудаст, аммо аз эҳтимол дур нест, ки ягон ҳодисаи нишонаҳои клиникидошта ба гулӯзиндонак ба назар гирифта нашуда бошад.

19. Назорати эпидемиологӣ аз болои бемории гулӯзиндонак дар ҳамбастагӣ бо назорати эпидемиологӣ аз рӯи ҳодисаҳои фалаҷи шадиди суст, сурхча, гулафшон ва ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия бавуқӯъомада бурда мешавад, ки ин такмилдиҳии минбаъдаро талаб мекунад.

20. Дар охири моҳи апрел ва аввали моҳи майи соли 2020 вазъи эпидемиологии сирояти нави коронавирус (COVID-19) дар сатҳи ҷумҳурӣ муташанниҷ гардид. Дар баъзе аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, волидайн аз тарси гирифторшавӣ ба бемории коронавирус аз хизматрасониҳои тиббӣ, аз ҷумла иммунизатсияи фарзандонашон худдорӣ намуданд. Бо мақсади сари вақт фаро гирифтани кӯдакон ба иммунизатсия қарори Сартабиби давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2020, №107 «Оид ба гузаронидани иммунизатсияҳои нақшавӣ дар давраи сирояти нави коронавирус (COVID-19) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расида, ба тамоми муассисаҳои тандурустӣ дастрас шуд. Баъд аз дастрас намудани қарори мазкур ба тамоми сохторҳои тандурустии дахлдор ва фаъол гардидани гардишҳои ҳавлигӣ аз ҷониби табибон бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, фарогирӣ бо иммунизатсия рӯ ба беҳбудӣ овард.

21. Барои нигоҳ доштани дастовардҳо ва амалисозии мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташуда дар самти нигоҳ доштани мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати озод аз бемории фалаҷ, мақоми давлат бо элиминатсияи сурхча ва гулафшон, инчунин мубориза бар зидди дигар бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда, бояд кушиши барзиёд ҷиҳати таъсиси системаи мукаммали тандурустӣ дар маҷмӯъ ба кор андохта шавад. Вобаста ба ин, зарурати таҳияи Барномаи мазкур ба миён меояд.

## 3. ТАШКИЛИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ИММУНИЗАТСИОНӢ ВА УҲДАДОРИҲО

22. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика» ягона муассисаи ҷумҳуриявии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки сиёсати соҳаи иммунопрофилактикаро дар ҷумҳурӣ таъмин намуда, масъули асосӣ барои амалисозии тамоми самтҳои Барнома ба ҳисоб рафта, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд: амалисозии ёрии ташкилию методӣ, гузаронидани дастгирии сарпарастӣ, назорати эпидемиологӣ аз рӯи бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда ва ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия, ҳамоҳангсозии амалҳои хизматрасониҳои тиббӣ оид ба банақшагирӣ, ташкилдиҳӣ, амалисозии чорабиниҳои Барнома, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот доир ба самтҳои асосии Барнома.

23. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон, вилояти Суғд, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои минтақаи Рашт идоракунии ташкилӣ-методӣ ба зиммаи филиалҳои муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика» ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба зиммаи марказҳои иммунопрофилактика гузошта шудааст.

24. Барои амалисозии Барнома шабакаи мавҷудбудаи марказҳои иммунопрофилактика, марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, шабакаҳои муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, таваллудхонаҳо ва шуъбаҳои таваллуди шаҳру ноҳияҳо истифода бурда мешаванд. Дар ҷумҳурӣ барои расонидани хизматрасониҳои иммунизатсионӣ дар маҷмӯъ зиёда аз 3000 муассисаи

тиббӣ, аз ҷумла таваллудхонаҳо ва шуъбаҳои таваллуд бо иммунизатсия машғуланд. Дар таваллудхона ва шуъбаҳои таваллуд иммунизатсия бар зидди бемориҳои фалаҷ, гепатити В ва сил гузаронида мешавад.

25. Иммунизатсия яке аз хизматрасониҳои асосӣ дар шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ба ҳисоб рафта, ҳаҷми асосии фаъолияти худро вобаста ба иммунизатсияи кӯдакон, наврасон ва калонсолон амалӣ мегардонад. Дар шаҳрҳо иммунизатсия аз ҷониби марказҳои саломатии шаҳрӣ, марказҳои тибби оилавӣ, амбулаторияҳои тибби оилавӣ, таваллудхонаҳо ва шуъбаҳои таваллуд, дар деҳот аз ҷониби марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ гузаронида мешавад. Барои иммунизатсияи минтақаҳои дурдасти аҳолинишин гурӯҳҳои сайёр ва мобилӣ аз ҳисоби кормандони тибби шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва беморхонаҳои марказии ноҳиявӣ ташкил карда мешаванд.

26. Ба муассисаҳои болозикр ӯҳдадориҳои зерин гузошта мешаванд:

- тартибдиҳии нақшаи иммунизатсияи кӯдакон;
- гузаронидани баҳисобгирии миқдори зарурии тамоми намуди ваксинаҳои барои фарогирии иммунизатсияи гурӯҳи мақсаднок пешбинишуда бо дарназардошти захираҳо;
- риояи қатъии усулҳои бехатар гузаронидани иммунизатсия;
- гузаронидани баҳисобгирии иммунизатсия: дафтари қайдкунии иммунизатсия (шакли 064), картаи тиббии дармонгоҳӣ (шакли 024), картаи иммунизатсионӣ (шакли 063), шиносномаи иммунизатсияи кӯдак ва тайёр намудани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ;
- ҳисобот оид ба иммунизатсия ва баҳисобгирии ваксинаҳо (шакли 2);
- гузаронидани назорат аз рӯи бақайдгирӣ ва ҳисоботи ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия;
- риояи қатъии тартиби амалиётҳои стандартӣ оид ба идоракунии самараноки ваксинаҳо;
- таъмини истифодаи дуруст, инчунин назорати даромаду хароҷоти ваксинаҳо, сӯзандоруҳо ва қуттиҳо барои бехавф маҳв намудани маводи тазриқии истифодашуда (дафтари назорати ваксинаҳо, сӯзандоруҳо ва қуттиҳои маҳви бехатар);
- таъмини системаи пайгирӣ аз болои кӯдаконе, ки иммунизатсияро бапуррагӣ нагирифтаанд (яъне вояи ваксинаи навбатиро сари вақт қабул накардаанд ё аз иммунизатсияи нақшавӣ бозмонда шудаанд);
- пешниҳоди асосноккунӣ барои зиддинишондодҳо оид ба гузаронидани иммунизатсия ва таҳлили зиддинишондодҳои мавҷуда;
- фаъол намудани коргузории комиссияҳои доимамалкунанда оид ба пайгирии кӯдакони аз иммунизатсия бозмонда;
- таъмин намудани фарогирии баланди иммунизатсияи кӯдакон дар соли аввали ҳаёт;
- идомаи иҷрои қарори сартабиби давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба гузаронидани иммунизатсияҳои нақшавӣ дар давраи сирояти нави коронавирус (COVID-19) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» то мўътадил гардидани вазъи эпидемиологии сирояти коронавирус дар кишвар;

- гузаронидани таҳлили ҳармоҳа оид ба иҷрои нақшаи пешбинишудаи иммунизатсияи солона, моҳона, имкониятҳои аздастдодашуда бо тартибдиҳии диаграммаҳои мониторинги иммунизатсия ва иммунизатсияи нотамом;
- гузаронидани баҳодиҳии мунтазами сатҳи дастрасӣ (сатҳи фарогирии иммунизатсияи кӯдакони то 1-сола (≥ 95%) ва самаранокии (иммунизатсияи нотамоми (≤5%) хизматрасонии соҳаи иммунопрофилактика;
- муҳокимаи масъалаҳои иммунопрофилактика дар шӯрои тиббии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- ташкил ва гузаронидани омӯзишҳои ҳарсола байни ваксинаторон оид ба «Иммунизатсия дар амал» ва таъмини онҳо бо шаҳодатномаи тахассусӣ оид ба гузаронидани иммунизатсия;

- ташкили вохӯриҳои мунтазам бо аҳолӣ бо мақсади гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба муҳиммияти иммунизатсия ва ҳалли масъалаҳо нисбати мушкилоти дасткашии волидайн аз иммунизатсияи кӯдакон.

27. Ташкил кардан ва баланд бардоштани сатҳи фарогирии иммунизатсия**:**

1) вазифа - баланд бардоштани дастрасӣ ва самаранокии иммунизатсия барои ҳар як кӯдак, паст кардани имкониятҳои аздастдода ва иммунизатсияи нотамом, дар он хусус, ки ягон кӯдак бе асос иммунизатсия ногирифта намонад;

2) стратегия **-** ноил шудан ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани фарогирии иммунизатсия барои кӯдакони синни то 1-сола ва иммунизатсияи такрорӣ (≥95%) мувофиқи вазифаҳо оид ба сатҳи фарогирии иммунизатсия (замимаи 1);

3) гузарондани иммунизатсияи нақшавӣ бо истифода аз:

- сессияҳои доимӣ;

- сессияҳои сайёр;

- ташкил намудани бригадаҳои мобилӣ бо истифода аз захираҳои иловагии маҳаллӣ барои нақлиёт ва сӯзишворӣ;

4) Тақвими миллии иммунизатсия – ҳуҷҷати муқарраркунандаи муҳлат ва тартиби гузаронидани иммунизатсияи аҳолӣ (замимаи 2);

5) барои ташкили коргузории иммунизатсия, аҳамияти аввалиндараҷа ба дуруст ва пурра бақайдгирии тамоми кӯдаконе, ки дар ин ҳудуд зиндагӣ мекунанд, мавҷудияти ҳуҷҷатҳо барои ҳар як кӯдак, бақайдгирии аниқи кӯдаконе, ки иммунизатсия гирифтаанд ва онҳое, ки иммунизатсияро мувофиқи муҳлатҳои дар тақвим пешбинишуда нагирифтаанд, дода мешавад. Ҳамаи шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ бояд нақшаи иммунизатсияи кӯдаконро дошта бошанд;

6) дар нақша маълумоти рақамӣ оид ба шумораи аҳолӣ, миқдори зарурии ваксинаҳо ва маводи иммунизатсионӣ, чорабиниҳо ва захираҳои лозима барои гузарондани иммунизатсияи нақшавӣ бояд нишон дода шавад. Диққати махсус бояд ба мукаммалии фарогирии иммунизатсия дар байни гурӯҳҳои осебпазир (маҳаллаҳои душворрас бо ақаллиятҳои этникӣ, ҷуғрофӣ, таъмин номукаммали муассисаҳои тиббии дурдаст бо кормандони тиб, маҳаллаҳои лӯлинишин) дода шавад:

- пурзӯр кардани сиёсати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба зиддинишондодҳои беасос нисбати иммунизация ва кафолат додани он, ки танҳо комиссияи доимамалкунанда оид ба пайгирии кӯдакони аз иммунизатсияи нақшавӣ бозмонда метавонад хулосаи ниҳоиро дар маври таъини зиддинишондодҳо қабул намояд;

- бо мақсади дарёфти мушкилоти вобаста ба таъмини дастрасӣ ва самаранокии пасти хизматрасониҳои иммунизатсионӣ, муайян намудани ҳудуде, ки ба чораҳои аввалиндараҷа ниёз доранд, андешидани чораҳо барои бартараф намудани онҳо. Дар сатҳи ҳар як шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва умуман дар сатҳи ҷумҳурӣ амалӣ гардонидани **«**Таҳлил ва муайян намудани ҳудуди афзалиятнокии фарогирии иммунизатсия»;

- бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ оид ба моҳияти иммунизатсия ва бартараф намудани мушкилиҳои вобаста ба дасткашии волидайн аз иммунизатсияи кӯдакон, бо истифода аз роҳнамои «Муоширати байнифардӣ дар иммунизатсия» ташкил намудани вохӯрию сӯҳбатҳо бо аҳолии минтақаҳои хизматрасонии марказҳои саломатии шаҳрӣ/ноҳиявӣ/деҳотӣ ва бунгоҳҳои саломатӣ;

- тақвият бахшидани гаштугузорҳои ҳавлигии табибон ва ҳамшираҳои тибби оилавӣ вобаста ба иҷрои иммунизатсияи нақшавӣ дар ҳудуди минтақаҳои хизматрасонӣ.

28. Ваксинаҳо**:**

1) дар маҷмўъ, тамоми хизматрасониҳои иммунопрофилактика дар ҷумҳурӣ дар доираи барномаҳои давлатӣ ройгон гузаронида мешаванд:

- ташкил намудани таъминот бо ваксинаҳо ва маводи иммунизатсионӣ, қисмати муҳими Барнома ба ҳисоб меравад;

- ваксинаҳое, ки барои амалигардонии Барнома лозиманд, аз ҷониби муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика» ба воситаи филиалҳои худ ва марказҳои иммунопрофилактика ба тамоми муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ расонида мешаванд;

- барои бо муваффақият амалисозии Барнома, таъминоти пурра ва доимии ваксинаҳо ва дигар маводи иммунизатсионӣ лозим аст;

2) талабот ба ваксинаҳо - тамоми ваксинаҳое, ки барои иммунизатсия истифода бурда мешаванд, бояд безарар буда, қобилияти иммуногении баланд дошта, дорои сертификати сифат оид ба мутобиқати талабот ва стандартҳои байналмилалӣ ба маводи иммунобиологӣ бошанд:

- ваксинаҳое, ки аз ҷониби шуъбаи таъминоти Хазинаи кўдакони Созмони Милали Муттаҳид барои иҷрои мақсадҳои Барномаи мазкур дар Тоҷикистон харидорӣ карда мешаванд, ваксинаҳои дорои сифати кафолатӣ мебошанд. Тамоми ваксинаҳое, ки тавассути системаи Созмони Милали Муттаҳид харидорӣ карда мешаванд, дорои сертификати Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ мебошанд;

- ба тамоми ваксинаҳое, ки ба ҷумҳурӣ ворид мешаванд, аз тарафи корхонаи воҳиди давлатии «Экспертиза ва озмоиши маҳсулоти фарматсевтӣ ва тиббӣ» -и Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификати мутобиқат дода мешавад;

- арзёбии идоракунии самаранокии ваксинаҳо дар ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби Хазинаи кўдакони Созмони Милали Муттаҳид бо дастгирии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар соли 2015 гузаронда шуда буд, нишон дод, ки идоракунии ваксинаҳо ва мониторинги захираҳо дар ҷумҳурӣ мувофиқи талабот амалӣ карда мешавад. Барои нигоҳ доштани самаранокии баланди идоракунии ваксинаҳо, гузаронидани давра ба давраи чунин арзёбиҳо мувофиқи мақсад буда, имкон медиҳад, ки камбудиҳои имконпазир муайян гардиа, сари вақт ислоҳоти нақшавӣ ворид карда шавад;

3) вазифа - баланд бардоштани идоракунии самараноки ваксинаҳо ва идоракунии сифат;

4) қисми асосии системаи идоракунии самараноки ваксинаҳо ва идоракунии сифатро Тартиби амалиётҳои стандартӣ ташкил медиҳад, ки аз тарафи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ тавсия карда шудааст;

5) дар муассисаҳои тиббие, ки барои иммунизатсия масъул мебошанд, бояд тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ оид ба «Сиёсати зарфҳои кушодаи бисёрвоягии ваксинаҳо» барои чунин ваксинаҳо ба монанди ваксинаи зидди бемории фалаҷ, ки бо тариқи даҳон гузаронида мешавад (ВДБФ), ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди бемории фалаҷ, ки бо тариқи сўзандору гузаронида мешавад (ВҒБФ), ваксинаи ҷаббидашудаи зидди бемориҳои кабудсулфа, гулўзиндонак ва кузоз (ВҶКГК), ваксинаи ҷаббидашудаи зидди бемориҳои гулўзиндонак ва кузоз (ВҶГК), ваксинаи ҷаббидашудаи зидди бемориҳои гулўзиндонак ва кузоз бо миқдори камтарини антигенҳо (ВҶКГ-к), ваксинаи зидди сирояти пневмококкӣ (ВПК) риоя карда шавад. Зарфҳои кушодаи бисёрвоягии ваксинаҳое, ки

аз онҳо дар давоми рӯз як ё зиёда вояҳои ваксина гирифта шуда буданд, метавонанд такроран дар рӯзҳои минбаъда давоми то 4 ҳафта истифода бурда шаванд, дар сурате ки талаботи зерин риоя гардад:

- ранги термоиндикатори зарфи ваксинаҳо дигар нашуда бошад (ба нуқтаи хатар нарасида бошад);

- муҳлати истифодабарии ваксина нагузашта бошад;

- ваксинаҳо бо риояи ҳарорати ба он муносиб (+2$^0$С - +8$^0$С) нигоҳ дошта шаванд;

- даҳони зарфи ваксина бо об тар нашавад;

- ҳамаи вояҳо аз зарф бо риояи қоидаҳои асептика гирифта шудаанд. Дар вақти кушодани ваксинаҳои болозикр, бояд санаи кушодашавӣ дар варақаи зарфи ваксина қайд карда шавад;

6) «Сиёсати зарфҳои кушодаи бисёрвоягии ваксинаҳо» ба ваксинаҳои зиндаи хушккардашудаи ваксинаи зидди бемории сил (БСЖ) ва ваксинаи зидди бемориҳои сурхча, баногӯшак ва гулафшон (СБГ) тааллуқ надоранд. Агар ин ваксинаҳо барои гузаронидани иммунизатсия ҳал карда шуда бошанд, пас зарфи ин навъи ваксинаҳои кушодаро бо вояҳои дар он мондашуда лозим меояд, ки баъд аз 6 соати ҳалкунӣ ё анҷом ёфтани рӯзи сессияи иммунизатсионӣ маҳв кунанд. Ҳангоми кушодани чунин намуди ваксинаҳо, бояд сана ва вақти кушоданашонро дар варақаи зарфи ваксина қайд кунанд.

29. Барои риоя намудани шароити мувофиқи занҷири хунукитаъминкунанда ҳангоми нигоҳдорӣ ва интиқолдиҳии ваксинаҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва дар сатҳи муассисаҳои тиббие, ки барои иммунизатсия масъул мебошанд, таҷҳизоти муосири занҷири хунукитаъминкунанда лозим аст. Занҷири хунукитаъминкунанда ҷузъи муҳими иммунопрофилактика ба ҳисоб меравад, зеро ҳамаи ваксинаҳо бо мурури вақт, махсусан ҳангоми таъсири гармӣ ва баъзеи онҳо бо сабаби таъсири яхбандӣ, фаъолияти худро гум мекунанд:

1) вазифа - риояи қатъии талаботи ваксинаҳо дар ҳама марҳилаҳо, ҳангоми интиқолдиҳӣ, нигоҳдорӣ дар яхдон ё дар хона-яхдон, инчунин ҳангоми истифодабарии он дар вақти гузарондани иммунизатсия дар муассисаҳои тиббӣ;

2) стратегияҳо-ташкил намудани занҷири хунукитаъминкунанда, ки се ҷузъи муҳимро дар бар мегирад:

- мутахассиси омӯзонидашуда, ки бевосита бо таҷҳизоти хунукитаъминкунанда кор мекунад;
- таъминот бо таҷҳизоти хунукитаъминкунанда барои нигоҳдорӣ ва интиқолдиҳии ваксинаҳо;
- амалӣ намудани тартиби назорат аз рӯи тақсимот ва истифодабарии ваксинаҳо;
3) барои таъмин намудани занҷири хунукитаъминкунанда:

- идома додани бозомӯзии мутахассисон дар тамоми сатҳҳо оид ба тартиби амалиётҳои стандартӣ аз рӯи идоракунии самараноки ваксинаҳо;
- дар сатҳи анбори марказӣ ва анборҳои минтақавӣ ваксинаи зидди бемории фалаҷ, ки бо тариқи даҳон гузаронида мешавад (ВДБФ), бояд дар ҳарорати -15$^o$С - 25$^o$С нигоҳ дошта шавад (ҳарорати мувофиқ барои нигоҳдории ваксинаҳои дигар +2$^o$С + 8$^o$С );
- дар марказҳои иммунопрофилактикаи шаҳру ноҳияҳо ва муассисаҳои тиббию профилактикӣ нигоҳдорӣ ва интиқоли тамоми ваксинаҳо дар ҳарорати +2 $^o$С +8$^o$С таъмин карда мешаванд;

- муқаррар намудани ҳисоботи мунтазам оид ба мавҷудият ва ҳолати техникии таҷҳизоти хунукитаъминкунанда;

- банақшагирии хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти хунукитаъминкунанда, дастур додани мутахассисони масъул оид ба таҷҳизоти занҷири хунукитаъминкунанда;

- дар ҳама сатҳҳои нигоҳдории ваксинаҳо гузариши тадриҷан аз истифодабарии яхдонҳои маишӣ ба яхдонҳое, ки сертификати сифати Созмони умумиҷаҳонии тандурустиро оид ба нигоҳдории ваксинаҳо доро мебошанд (замимаи 3);

- таъмин намудани иҷрои тартиби амалиётҳои стандартӣ оид ба идоракунии самараноки ваксинаҳо;

- дар тамоми муассисаҳои тиббие, ки ваксинаҳо нигоҳ дошта мешаванд, нақшаи чорабиниҳои фаврӣ дар ҳолати рух додани ҳолатҳои фавқулода, ки метавонад ба бехатарии ваксинаҳо таъсир расонанд, тартиб дода шавад.

30. Иммунизатсияи бехатар бояд дар ҳама ҷо, тибқи сиёсати миллӣ ва пешниҳодҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ бо риояи қоидаҳои асосии бехатарӣ гузаронида шавад:

- дар ҳуҷраи махсус барои гузаронидани иммунизатсия ҷудокардашуда (дар муассисаҳои тиббие, ки аз як ё ду ҳуҷра иборатанд, ҳадди ақал ҷои тоза ва мизи алоҳида ҷудо карда шавад);

- пеш аз оғози сессияи иммунизатсионӣ, мизи корӣ бояд омода бошад (пахтаи тамйизшуда, сӯзандоруҳои худмаҳвшаванда, оби хунуки ҷушонидашуда, ҷузвдони ҳароратӣ (термосумка) бо ваксинаҳо ва ҳалкунандаҳо, қуттии маҳви бехатар);

- мавҷудияти доруқуттии зидди садамавӣ дар ҳуҷраи иммунизатсионӣ ҳатмист;

- дафтари қайди иммунизатсия бо рӯйхати кӯдакони барои иммунизатсия банақшагирифташуда бояд омода бошад;

- ваксинаро танҳо ҳамон вақте, ки кӯдак ба иммунизатсия тайёр мебошад, ба сӯзандору гирифтан лозим аст;

- дар ҷараёни омодашавӣ ва гузаронидани иммунизатсия ба сӯзан бояд даст нарасонанд, инчунин ба рӯйпӯшҳои тамйизнабуда сӯзан бояд нарасад;

- барои тоза кардани ҷои иммунизатсия, танҳо пахтаи тамйизшуда истифода бурда шавад;

- дар давоми сессияи иммунизатсионӣ ваксина бояд дар зери қабати поролонии ҷузвдони ҳароратӣ нигоҳ дошта шавад;

- ваксинаҳои зиндаи хушккардашуда бояд танҳо бо ҳалкунандаҳои ҳамон истеҳсолкунандаи ваксина ҳал карда шаванд;

- ваксинаҳои зиндаи хушккардашуда (ваксинаи зидди бемории сил (БСЖ), сурхча-баногӯшак-гулафшон) баъди ҳалкуниашон танҳо дар давоми шаш соат бояд истифода бурда шаванд;

- зарфҳои бо ваксинаҳои ҳалшуда аз нурҳои офтоб ҳимоя карда шаванд;

- вояи пурраи ваксинаи тазриқиро бояд ба ҷойи муайяншуда (китф, рони пой) ва ба таври дуруст (зери пӯст, дохили пӯст, дохили мушак) ворид кард;

- талафоти ваксинаҳо мувофиқи тавсияҳои Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ бояд ба инобат гирифта шавад (замимаи 4).

31. Мониторинг ва баҳодиҳӣ:

- мониторинг - назорати мунтазам аз рӯи нишондодҳои «индикаторӣ»-и аз тарафи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ тавсиядодашуда мебошад, ки имконияти

баҳодиҳии сифат ва самаранокии иҷрои самтҳои асосии Барномаро амалӣ мегардонад;

- мониторинги мунтазам ва баҳодиҳии самтҳои асосии Барнома барои ошкор намудани он қисмҳое, ки ба такмилдиҳӣ ниёз доранд, зарур мебошад, инчунин барои дастрас намудани маълумоте, ки мувофиқ ва сифатнок будани маълумоти пешниҳодгардидаро тасдиқ мекунад;

- махсусан барои баҳодиҳии мақсад ва вазифаҳои дар Барнома гузошташуда оид ба паст ва маҳв намудани бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда муҳим аст;

- мониторинг, таҳлили фарогирии иммунизатсия ва назорати эпидемиологӣ аз рӯи бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда, бояд дар сатҳи ҳамаи минтақаҳои маъмурӣ ва муассисаҳои тиббӣ амалӣ гардонида шавад (шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, сохтори госпиталӣ, раёсатҳои тандурустии вилоятҳо, шаҳрҳо ва маҷмӯан дар сатҳи ҷумҳурӣ). Системаи мониторинги боэътимод дар бар мегирад: фарогирии иммунизатсия, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии соҳаи иммунопрофилактика, сифат ва бехатарии ваксинаҳо, тазриқҳои бехатар, занҷири хунукитаъминкунанда ва назорати эпидемиологӣ аз рӯи ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия;

- илова ба мониторинги нақшавӣ мебояд таҳлили амиқи даврии системаи иммунопрофилактика ва назорати эпидемиологиро аз рӯи бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда гузаронд, ки ин имконияти баҳодиҳии сифатнокӣ, пуррагӣ, қобили истифода будан ва самаранокии онро фароҳам меоварад;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гурӯҳҳои мониторингиро барои гузаронидани мониторингҳои мунтазами фаъолияти соҳаи иммунопрофилактика дар муассисаҳои тиббии дахлдор, бо воситаҳои нақлиёт ва сӯзишворӣ таъмин намоянд.

## 4. НАЗОРАТИ ЭПИДЕМИОЛОГӢ

32. Дар ҷумҳурӣ ба системаи назорати эпидемиологӣ аз рӯи бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда ҳамаи муассисаҳои тиббии амбулаторӣ ва статсионарие, ки аҳолӣ метавонад муроҷиат кунад, ворид шудаанд. Барои фаъолияти босамари ин система ҳамоҳангии дақиқи доимии байни онҳо бояд ба роҳ монда шавад.

33. Мақсади фаъолияти системаи назорати эпидемиологӣ дар марҳилаи маҳв намудани бемории фалаҷ, элиминатсияи сурхча, гулафшон, алоими гулафшони модарзодӣ - ин хабардор намудан ва назорат гузаронидан аз рӯи ҳар як ҳодисаи гумонбаршуда мебошад.

34. Бо мақсади аз даст надодани ягон ҳодисаи беморӣ, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати эпидемиологӣ бурда мешавад, ки дар асоси он ҷустуҷӯи фаъоли ҳодисаҳои сироятҳои маҳвкардашуда ба роҳ монда шудааст. Ин бояд бо роҳи ташрифи ҳарҳафтаина ба муассисаҳои тиббии таҳти назоратбуда, ки аксар вақт беморон барои муоина ва муайян намудани бемориҳое, ки аломатҳои монанд ба бемориҳои мақсаднок доранд, муроҷиат мекунанд, амалӣ гардонида шавад.

35. Назорати эпидемиологӣ аз рӯи сурхча, гулафшон, алоими гулафшони модарзодӣ, гулӯзиндонак, ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия бавуқӯъомада дар ҳамбастагӣ бо назорати эпидемиологӣ аз рӯи фалаҷи шадиди суст бурда мешавад.

36. Назорати фаъоли эпидемиологӣ - стратегияе мебошад, ки барои «фаъолона ошкор намудани ҳодисаиҳои бемориҳои бо воситаи иммунизатсия идорашаванда ва ҷамъ намудани маълумот аз тарафи кормандони тиббие, ки мунтазам ба муассисаҳои тандурустӣ ташриф меоранд» (ба ҷои он ки «ғайрифаъолона» ҳисоботи чунин ҳодисаҳоро интизор шудан) ба роҳ монда шудааст.

37. Фаъолияти системаи назорати эпидемиологӣ:

- истифодабарии муқарраротӣ стандартии муайян намудани ҳодисаҳо, ки аз тарафи Бюрои минтақавии аврупоии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ коркард шудааст;
- дарёфт намудани ҳодисаҳо;
- бақайдгирӣ ва баҳисобгирӣ;
- расонидани хабарнома оид ба дарёфти ҳодисаҳо ба идораҳои боломақом дар муддати ≤24 соат;
- гузаронидани назорати эпидемиологии дақиқ дар муддати ≤ 48 соат аз лаҳзаи дарёфт бо пур намудани шакли назоратӣ;
- гирифтани намунаҳои таҳлилӣ барои ташхиси озмоишгоҳӣ ва интиқоли онҳо ба озмоишгоҳ;
- гузаронидани таҳлили озмоишгоҳӣ дар озмоишгоҳҳои боварибахши Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ;
- таҳти назорат гирифтани ҳолатҳои фалаҷи шадиди суст, гумонбаршудагон ба бемориҳои сурхча, гулафшон, гулӯзиндонак ва ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия;
- чорабиниҳои зиддиэпидемикӣ дар манбаи беморӣ, иммунизатсияи маҳдуд дар маҳаллаҳои аҳолинишин;
- бопуррагӣ ва сари вақт пешниҳод намудани хабарномаҳои «сифрӣ»-и ҳафтаина ва ҳисоботи моҳона;
- фарогирии иммунизатсияи сол ба сол, дар сатҳи минтақаҳои маъмурӣ ва муассисаҳои тиббӣ;
- иммунизатсияи нотамом дар сатҳи минтақаҳои маъмурӣ, муассисаҳои тиббӣ сол ба сол;
- шумораи ҳолатҳо ва нишондодҳои бемориҳо мувофиқи синну сол, ҷинс ва вазъи иммунизатсионӣ;
- назорат ва таҳлили нишондодҳои стандартии сифатнокии назорати эпидемиологӣ, ки аз тарафи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ тавсия шудааст, бо қабул намудани қарорҳои мушаххас;
- омӯзонидани кормандони тибби тамоми сатҳҳо оид ба масъалаҳои назорати эпидемиологӣ;
- нигоҳ доштани алоқа бо мутахассисоне, ки маълумоти авваларо пешниҳод менамоянд.

38. Дар шароити гетерогении аҳолии иммунизатсияшаванда, пайгирӣ намудани ҳолати масунияти махсуси оммавӣ ва фардӣ бо ёрии гузаронидани мониторинги серологӣ, ки ҷузъи зерсохтори таъминоти иттилоотии системаи назорати эпидемиологӣ аз рӯи бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда ба ҳисоб меравад, аҳамияти махсусро пайдо менамояд.

39. Таҳлилҳои сероэпидемиологие, ки дар ҷамъоварии зардобаи хун ва баҳодиҳии паҳншавии подтанҳо байни аҳолӣ асос ёфтаанд, ҳамчун воситаи боқувват барои пешгӯӣ ва назорати самаранокии барномаи иммунизатсия ба ҳисоб меравад. Эътибронокии истифодаи усулҳои серологӣ нисбати бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда аз як қатор омилҳо вобастагӣ дорад:

- оё маркери серологӣ натиҷаи бемории гузаронидашуда ё иммунизатсия мебошад;
- андозаи зоҳиршавӣ ва давомнокии масунияти гуморалӣ чӣ гуна аст;
- кадом миқдори подтанҳо барои ҳар як сирояти мушаххаси ба воситаи иммунизатсия идорашаванда ҳамчун меъёр ба ҳисоб меравад.

40. Охирин баҳодиҳии муайян намудани сатҳи масунияти аҳолӣ зидди бемориҳои сурхча ва гулафшон соли 2010 гузаронида шуда буд. Бо мақсади тасдиқ намудани ҳолати баланди масуният зидди сироятҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда, гузаронидани таҳлили серологӣ байни кӯдакон ва калонсолони аҳолии мақсаднок муфид даниста мешавад.

## 5. ҶОРИКУНИИ ВАКСИНАҲОИ НАВ

41. Дар давраи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ваксинаҳои нав ба Тақвими миллии иммунизатсия ворид карда шудаанд, аз ҷумла:

- соли 2001: ваксинаи зидди гепатити В;
- соли 2008: ваксинаи пентавалентӣ (зидди бемориҳои кузоз, кабудсулфа, гепатити В, гулӯзиндонак ва сирояти гемофилии шакли b);
- соли 2009: ваксинаи СГ (зидди бемориҳои сурхча ва гулафшон);
- соли 2015: ваксинаи Рота (зидди сирояти ротавирусӣ);
- соли 2016: гузариш аз истифодабарии ваксинаи севалентаи зидди бемории фалаҷ (ВсДБФ) ба ваксинаи дувалентаи зидди бемории фалаҷ (ВдДБФ);
- соли 2018: ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди бемории фалаҷ, ки бо тариқи сӯзандору гузаронида мешавад (ВҒБФ);
- соли 2020: иваз намудани ваксинаи зидди бемориҳои сурхча ва гулафшон (СГ) ба ваксинаи зидди бемориҳои сурхча, баногӯшак ва гулафшон (СБГ).

42. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалигардонии стратегияи Созмони Милали Муттаҳид Ҳадафҳои Рушди Устувор, дар давоми солҳои 2021-2025 дар қатори истифодабарии ваксинаҳои мавҷуда, қарори ворид намудани дигар ваксинаҳои навро қабул мекунад:

- аз соли 2022 ворид намудани ваксинаи зидди сирояти пневмококӣ;
- аз соли 2022 дар ҷумҳурӣ аз нав ҷорӣ намудани иммунизатсия бар зидди гулӯзиндонак ва кузоз байни наврасон ва калонсолон бо истифода аз ваксинаи ҷаббидашудаи зидди бемориҳои гулӯзиндонак ва кузоз бо миқдори камтарини антигенҳо (ВҶГК-к);
- аз соли 2023 ворид намудани вояи дуюми ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди бемории фалаҷ (ВҒБФ).

## 6. САФАРБАРКУНИИ ИҶТИМОӢ

43. Стратегияҳои асосии сафарбаркунии иҷтимоӣ таҳияи маводи иттилоотию тарғиботӣ оид ба муҳиммияти иммунизатсия ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ мебошад.

44. Барои ноил шудан ба стратегияҳо лозим аст:

- беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилооти эътимоднок оид ба афзалиятҳо ва хатарҳои алоқаманд ба иммунизатсия бар зидди бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда барои кормандони тиб ва аҳолӣ;
- ташаккули боварии аҳолӣ ба ваксинаҳо;
- идома додани омӯзиши кормандони тиб оид ба муоширати байнифардӣ дар масъалаҳои иммунизатсия;
- ташкил намудан ва гузарондани вохӯриҳо, нишастҳои матбуотӣ ва мубоҳисаҳо оид ба масъалаҳои иммунизатсия бо иштироки мутахассисони ваколатдори соҳа ва рӯзноманигорон;
- ворид намудани дарсҳои омӯзишӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва таъмин намудани вақти кофӣ барои гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни волидайне, ки кӯдаконро барои қабули иммунизатсия меоранд;
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки оид ба ташкили барномаҳои мунтазами телевизионӣ, гузоришҳои радиоӣ, чоп

ва нашри мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо, аз ҷумла сайтҳои интернетӣ оид ба масъалаҳои иммунизатсия чораҳо андешад;

- муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим» дар фаъолияташ пешгирии бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашавандаро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки асосии кори худ дохил намояд.

## 7. ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

45. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри боз ҳам беҳтар намудани хизматрасонии иммунизатсия, тибқи талаботи қонунгузорӣ ҳамкориро бо созмонҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

## 8. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА

46. Барнома дар доираи маблағҳое, ки дар буҷети соҳаи тандурустӣ барои иммунизатсия пешбинӣ шудаанд, инчунин маблағҳои созмонҳои байналмилалие, ки дар самти пешгирии бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда фаъолият мекунанд ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад.

47. Барои амалисозии Барнома дар давоми солҳои 2021-2025 ҳамагӣ 39206620 (сию нуҳ миллиону дусаду шаш ҳазору шашсаду бист) доллари ИМА, аз ҷумла барои харидории ваксинаҳо ва маводи иммунизатсионӣ 37209000 (сию ҳафт миллиону дусаду нуҳ ҳазор) доллари ИМА ва барои гузаронидани чорабиниҳои иммунизатсионӣ аз ҳисоби маблағҳои пешбинишудаи кумаки созмонҳои байналмилалӣ 1997620 (як миллиону нуҳсаду наваду ҳафт ҳазору шашсаду бист) доллари ИМА зарур аст. Аз миқдори умумии маблағҳои зарурӣ 22800166 (бисту ду миллиону ҳаштсад ҳазору як саду шасту шаш) доллари ИМА (61,3 фоиз) аз ҳисоби Алянси ваксинаҳо барои солҳои 2021-2025, 860000 (ҳаштсаду шаст ҳазор) доллари ИМА (2,3 фоиз) аз ҳисоби маблағҳои намояндагии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ва 12727270 (дувоздаҳ миллиону ҳафтсаду бисту ҳафт ҳазору дусаду ҳафтод) доллари ИМА (34,2 фоиз) аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети соҳаи тандурустӣ барои харидории ваксинаҳо ва маводи иммунизатсионӣ дар доираи имкониятҳои воқеъии буҷети давлатӣ пешбинишуда дастгирӣ карда мешавад. Маблағи норасоии амалисозии Барнома бошад 821564 (ҳаштсаду бисту як ҳазору панҷсаду шасту чор) доллари ИМА (2,2 фоиз)-ро ташкил медиҳад, ки ин маблағҳо бояд ҳам дар доираи маблағҳои ҳамасола барои соҳаи тандурустӣ дар буҷети давлатӣ пешбинишуда ва инчунин дар доираи дастгириҳои созмонҳои байналмилалӣ амалӣ карда шаванд (замимаи 5).

Замимаи 2

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 27 феврали соли 2021, №51

Нақшаи

чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи миллии иммунопрофилактика

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025

| р | Чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Муҳлати амалисоз (сол) | Маблағ бо доллари ИМ | Сарча маблаґ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Такмили соҳаи иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи тақвияти базаи мод техникӣ | | | | |
| 1 | Беҳтар намудани заминаи моддию техникии муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика», филиалҳои муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика» ва марказҳои иммунопрофилактикаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 30000 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| | | | 2022 | 40000 | |
| | | | 2023 | 50000 | |
| | | | 2024 | 65000 | |
| | | | 2025 | 70000 | |
| 2 | Мувофиқи Тақвими миллии иммунизатсия нигоҳ доштани сатҳи баланди фарогирии иммунизатсия байни гурӯҳҳои мақсадноки аҳолӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 - 2025 | - | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ |
| 3 | Пурзӯр намудани назорати фаъоли эпидемиологӣ аз рӯи бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда ва ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия бавуқӯъомада (ҲНБИ) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 16860 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| | | | 2022 | 16860 | |
| | | | 2023 | 16860 | |
| | | | 2024 | 16860 | |
| | | | 2025 | 16860 | |
| 4 | Мониторинг ва баҳодиҳии иҷроиши самтҳои асосии Барнома | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 5000 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| | | | 2022 | 6000 | |
| | | | 2023 | 6340 | |
| | | | 2024 | 6340 | |
| | | | 2025 | 7000 | |
| 5 | Пурзӯр намудани назорати дасгирии масъалаҳои иммунопрофилактика байни кормандони соҳаи тибб, ки барои иммунизатсия масъуланд | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 100000 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| | | | 2022 | 46800 | |
| 6 | Тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҷустуҷӯ намудани шарикони нав барои расондани кумак дар амалигардонии Барнома | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 – 2025 | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7 | Тақвият додани сомонаи интернетии муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика» бо номи «rcip.tj» барои пешниҳод намудани маълумоти дақиқ ва боэътимод оид ба навигариҳои соҳаи иммунопрофилактика дар ҷумҳурӣ ва моҳияти иммунизатсия дар пешгирии бемориҳои сироятии ба воситаи иммунизатсия идорашаванда | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 6400 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| | | | 2022 | 6400 | |
| | | | 2023 | 6400 | |
| | | | 2024 | 6400 | |
| | | | 2025 | 6400 | |
| 8 | Ташкил намудани базаи ягонаи электронӣ оид ба идоракунии захираи ваксинаҳо ва маводҳои иммунизатсионӣ дар ҳама сатҳҳои нигоҳдории онҳо | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 – 2025 | | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 2. Такмили барномаҳои омӯзишӣ дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва инчунин баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисони соҳа, махсусан тайёрии тодипломӣ ва баъдидипломии мутахассисон | | | | | |
| 9 | Васеъ намудани қисмҳои эпидемиология, иммунология ва иммунопрофилактика дар барномаҳои таълимӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муассисаҳои давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ва «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» | 2021 – 2025 | | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 10 | Ворид намудани сессияҳои омӯзишӣ оид ба қисмҳои соҳаи иммунопрофилактика дар барномаҳои таълимӣ | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломи и кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии | 2021 – 2025 | | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Тоҷикистон» | | | |
| 1 | Мунтазам гузаронидани семинарҳои таълимӣ оид ба назорати эпидемиологӣ аз рӯи бемориҳои ба воситаи иммунизатсия идорашаванда ва ҳолатҳои номатлуби баъд аз иммунизатсия бавуқӯъомада (ҲНБИ) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 125350 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 1 | Мунтазам гузаронидани семинарҳои таълимӣ оид ба банақшагирии хурди сессияҳои иммунизатсионӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 127650 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| | | | 2022 | 27650 | |
| 1 | Гузаронидани семинарҳои таълимӣ барои роҳбарони сатҳи миёнаи тиб оид ба ташкил намудани коргузории соҳаи иммунопрофилактика ва «Иммунизатсия дар амал» | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 98000 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷет давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 3. | Харидорӣ, интиқоли ваксинаҳо ва таъмин намудани нигоҳдории онҳо бо риояи шароити занҷир хунукитаъминкунанда | | | | |
| 1 | Таъмини талаботи аҳолӣ бо ваксинаҳои сифатнок | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 6148 560 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| | | | 2022 | 7102 950 | |
| | | | 2023 | 7890 564 | |
| | | | 2024 | 7949 870 | |
| | | | 2025 | 8117 056 | |
| 1 | Беҳтар намудани системаи занҷири хунукитаъминкунанда дар ҳама сатҳҳои нигоҳдории ваксинаҳо | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 4765 00 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 1 | Ҷорӣ намудани тартиби амалиётҳои стандартӣ оид ба | Вазорати тандурустӣ ва | 2021 | 6455 | Маблағҳои пешбинишудаи |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | идоракунии самараноки вакцинаҳо «Тартиби амалиётҳои стандартӣ (ТАС) оид ба идоракунии самараноки ваксинаҳо (ИСВ)» | ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | | 0 | буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 1 | Баргузор намудани омӯзишҳои таълимӣ байни кормандони тиб дар бораи тартиби амалиётҳои стандартӣ (ТАС) оид ба идоракунии самараноки ваксинаҳо (ИСВ) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 1268 80 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 1 | Мониторинги мунтазами иҷрои тартиби амалиётҳои стандартӣ (ТАС) оид ба идоракунии самараноки ваксинаҳо (ИСВ) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 1013 00 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 1 | Гузарондани баҳодиҳии идоракунии самараноки ваксинаҳо (ИСВ) ва пешниҳод намудани тавсияҳо барои такмилдиҳии он | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2023 | 3956 0 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |
| 2 | Ташкил ва гузаронидани барӯйхатгирии таҷҳизоти занҷири хунукитаъминкунанда дар сатҳи тамоми муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ, ки ба иммунизатсия вобаста карда шудаанд | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2022 | 1089 00 | Маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмилалӣ |

4. Сафарбаркунии иҷтимоӣ

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Таҳияи маводи иттилоотию таълимӣ барои кормандони тиб ва аҳолӣ оид ба самаранокии иммунизатсия | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2022 | 53000 | Маблағҳои пешбинишуд и буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмила ӣ |
| 2 | Омӯзиши кормандони тиб оид ба «Муошироти байнифардӣ дар иммунизатсия» | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 | 64000 | Маблағҳои пешбинишуд и буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмила ӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2 | Истифода намудани рўзномаҳо, шабакаҳои телевизионӣ ва сомонаҳои интернетӣ барои ташвиқоти иммунизатсия | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 -2025 | | Маблағҳои пешбинишуд и буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмила й |
| 2 | Беҳтар намудани дастраснокии маълумоти сифатнок ва дақиқ оид ба манфиатҳои иммунизатсия дар байни аҳолӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2022 | 35500 | Маблағҳои пешбинишуд и буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмила й |
| 5. Ворид намудани ваксинаҳои нав | | | | | |
| 2 | Ворид намудани ваксинаи зидди сирояти пневмококкӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 -2025 | | Маблағҳои пешбинишуд и буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмила й |
| 2 | Аз нав ҷорӣ намудани иммунизатсия дар ҷумҳурӣ бар зидди гулўзиндонак ва кузоз байни наврасон ва калонсолон бо истифода аз ваксинаи ҷаббидашудаи зидди бемориҳои гулўзиндонак ва кузоз бо миқдори камтарини антигенҳо (ВҶГК-к) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 -2025 | | Маблағҳои пешбинишуд и буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмила й |
| 2 | Ворид намудани вояи дуюми ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди бемории фалаҷ, ки бо тариқи сўзандору гузаронида мешавад (ВҒБФ) | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 2021 -2025 | | Маблағҳои пешбинишуд и буҷети давлатӣ ва кумаки созмонҳои байналмила й |
| | **Ҳамагӣ** | | | 39206620 | |